**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД**
**ҚАРОР**

ш.Хуҷанд

аз «09» октябри соли 2017 №484

Дар бораи масъалаҳои комиссияи
вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», бо мақсади муташаккилона, босифат ва сари вақт гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020, ҷиҳати иҷрои банди 4-уми Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2017, № 424 «Дар бораи масъалаҳои комиссияи давлатии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ» қ а р о р м е к у н а м:

1. Низомномаи комиссияи вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ ва ҳайати комиссияи вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2).

2. Тартиби тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020 тасдиқ карда шавад (замимаи 3).

3. Комиссияи вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ вазифадор карда шавад, ки баробари гузаронидани барӯйхатгирии аҳолии вилояти Суғд дар соли 2020 гузаронидани барӯйхатгирии фонди манзили вилояти Суғдро низ ба роҳ монад.

4. Раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят ҷиҳати вусъати корҳои омодагӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 комиссияи мусоидати барӯйхатгирии аҳолиро таъсис дода, фаъолияти онҳоро зери назоратӣ доимӣ қарор диҳанд.

5. Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зиммаи худ мегирам.

Раиси вилоят Абдураҳмон Қодирӣ

Замимаи 1
Бо қарори Раиси вилоят
аз «09» октябри соли 2017, №484
тасдиқ шудааст

**НИЗОМНОМАИ**
комиссияи вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ

1. Комиссияи вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ (минбаъд- Комиссия) барои ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилоту идораҳо ва назорати рафти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 октябри соли 2015, № 572 «Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷи-кистон аз 2 декабри соли 2016, № 511 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020» ва қарорҳои Раиси вилоят аз 17 ноябри соли 2015, № 510 «Дар бораи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилоят и Суғд дар соли 2020», аз 17 январи соли 2017, № 15 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020» таъсис дода мешавад.

2. Комиссия дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Низомномаи мазкурро дастури амал қарор медиҳад.

3. Комиссия ҳуқуқ дорад:

- ба ҷаласаҳо роҳбарони ташкилоту идораҳоро даъват намояд ва маълумоти онҳоро оид ба масъалаҳои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ шунавад ва баррасӣ намояд;

- аз мақомотҳо ташкилоту идораҳо ва шахсони воқеӣ маводи заруриро барои иҷрои масъалаҳое, ки ба салоҳияти комиссия дохил мешаванд, дархост ва қабул намояд;

4. Вазифаҳои асосии комиссия:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилоту идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон аз

рӯи масъалаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ, иҷрои чорабиниҳо оид ба ташкил ва гузаронидани корҳои аввалиндараҷаи вобаста ба ташкил ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ;

- расонидани ёрии амалӣ ба мақомоти маҳаллии омор дар самти тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ.

5. Дар ҷаласаҳои комиссия баррасӣ карда мешаванд;

- чорабиниҳо ва нақшаи тақвимӣ оид ба тайёрӣ ва гузарони-дани барӯйхатгирии аҳолӣ;

- лоиҳаи сметаи хароҷотҳои ҳарсола барои тайёрӣ ва гузарони-дани барӯйхатгирии аҳолӣ.

6. Қарорҳои комиссия бо протоколҳо ба расмият даровarda шуда, ба ташкилоту идораҳо барои иҷро фиристода мешаванд.

7. Фаъолияти комиссия тибқи нақшаҳои кории тасдиқшуда амалӣ мегардад.

8. Раиси комиссия фаъолияти онро роҳбарӣ мекунад, дар ҷаласаҳои Комиссия раисикунанда мебошад, корҳои давраи тайёрӣ ба барӯйхатгирии аҳолиро ба нақша мегирад, аз рӯи иҷрои қарорҳо назорати умумӣ мебарад ва барои фаъолияти комиссия масъулиятро ба зимма дорад.

9. Мақомоти омори маҳаллӣ мақомоти кории комиссия ба ҳисоб меравад ва корҳои ташкилии комиссияро амалӣ менамояд.

10. Корҳои ташкилии комиссия, омода намудани ҳуҷҷату маводи дахлдор ва ба расмият даровардани протоколҳои ҷаласаи комиссияро котиби Комиссия иҷро менамояд.

11. Ҷаласаҳои комиссия аз рӯи зарурият ва бо пешниҳоди мақомоти омори маҳаллӣ  гузаронида мешаванд.

12. Ба ҷаласаҳои комиссия кормандони масъули ташкилоту идораҳо ва дигар муассисаҳо, ки бо масъалаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ вобастагӣ доранд, метавонанд  даъват шаванд.

13. Комиссия ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд ҳисоботдиҳанда мебошад.

14. Комиссия дар давоми тамоми давраи тайёрӣ ва гузарони-дани барӯйхатгирии аҳолӣ амал мекунад ва фаъолияти худро дар асоси қарори Раиси вилоят қатъ менамояд.

Замимаи 2
Бо қарори Раиси вилоят
аз «09» октябри соли 2017, №484
тасдиқ шудааст

**ҲАЙАТИ**
комиссияи вилоятии мусоидати барӯйхатгирии аҳолӣ

- Раиси вилояти Суғд - раиси комиссия;
- муовини Раиси вилоят оид ба масъалаҳои молия, иқтисод, савдо, андоз, сохтмон ва меъморию шаҳрсозӣ – муовини раиси комиссия;
- сардори Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷум-ҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд - котиби комиссия;

Аъзои комиссия:

- сардори Раёсати минтақавии рушди иқтисод ва савдои вилоят;
- сардори Сарраёсати молияи вилоят;
- сардори Раёсати адлияи вилоят;
- сардори Раёсати маорифи вилоят;
- сардори Раёсати фарҳанги вилоят;
- сардори Раёсати хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, му-ҳоҷират ва шуғли аҳолии вилоят;
- мудири шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи вилоят;
- сардори Раёсати тандурустии вилоят;
- муовини якуми Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд;
- комиссари ҳарбии вилоят;
- сардори Раёсати сармоягузорӣ ва идораи амволи вилоят;
- раиси Кумитаи идораи замин ва геодезии вилоят;
- мудири шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии вилоят;
- раиси идораи телевизион ва радиои вилоят;
- сардори Раёсати кор бо занон ва оилаи вилоят;
- сардори Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилоят;

- сардори Ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоят;
- сардори Филиали ҶСК «Тоҷиктелеком»-и вилоят;
- раиси Федератсияи иттифоқи касабаи вилоят;
- директори ҶСК « Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд»;
- мудири шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи Раиси вилоят;

- директори намояндагии корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»;

- ректори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

- сардори Раёсати минтақаи суғдии Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон»;

- раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят.

Замимаи 3
Бо қарори Раиси вилоят

аз «09» октябри соли 2017, №484
тасдиқ шудааст

**Тартиби**
тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020

1. Ҳамаи шаҳрвандони вилояти Суғд, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар ҳудуди вилояти Суғд истиқомат до-ранд, сарфи назар аз он, ки онҳо ҳангоми барӯйхатгирӣ дар вилоят ҳастанд ва ё муваққатан ба хориҷа рафтаанд ва инчунин шаҳр-вандони хориҷӣ, ки муваққатан дар вилоят мебошанд, ба рӯйхат гирифта мешаванд.

2. Барӯйхатгирии шахсони барои табобат дар беморхонаҳо, барои истироҳат, модарону кӯдакони дар таваллудхонаҳо, шахсони дар хонаҳои модару кӯдакон, кӯдакони дар мактаб-интернатҳо буда ва инчунин шахсони дар хонаҳои маъюбон ва пиронсолон, меҳмонхонаҳо ва муассисаҳои ба онҳо монанд истиқоматкунандаро ҳисобчиёне, ки маъмурияти ин муассисаҳо ҷудо мекунанд, мегуза-ронанд.

3. Мақомотҳои дахлдори вилояти Суғд, дар кори ба тартиб да-ровардани номгӯи кӯчаҳо, маҳаллаҳо, рақамгузории хонаҳои исти-қоматӣ ва манзилҳо дар қаламрави вилояти Суғд иҷрои онро зери назорат мегирад.

4. Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд:

- ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ кӯмак намуда, ҷараёни дуруст ва пурра ба ҳисоб гирифтани аҳолиеро, ки дар маҳалҳои шаҳрӣ зиндагӣ мекунад, зери назорат мегирад;

- дар вақти гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар мавриди зарурӣ бехатарии кормандони муваққатии ҷалбгардидаи барӯйхатгириро таъмин менамояд;

- барои истифодаи нақлиёти хизматӣ дар рӯзҳои истироҳат ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ва мақомоти зертобеи он барои давраи тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 мусоидат менамояд.

5. Кумитаи идораи замин ва шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии вилоят дар тайёр намудани маводи нақшаю харитасозӣ барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Суғд анҷом дода, дар асоси дархостҳои онҳо нақшаи шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳа-ҳои калон, инчунин харитаҳои ноҳияҳоро барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил нусхабардорӣ карда меди-ҳанд.

6. Шуъбаи иттилоотию таҳлилии Дастгоҳи Раиси вилоят ба инъикоси ҷараёни тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзилро дар воситаҳои ахбори омма мусоидат намуда, тариқи ройгон ба роҳ мемонад.

7. Шуъбаи нақлиёт ва коммуникатсияи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят, Раёсати минтақаи суғдии Корхонаи воҳиди давлатии « Роҳи оҳани Тоҷикистон », ҶСК « Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» мунтазам қабул ва ба масъулин расони-дани борҳоеро, ки барои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ фиристода мешаванд, таъмин намоянд.

8. Мақомоти маҳаллии алоқаи вилоят:

- дар навбати аввал ба масъулин расонидани муросилоти поч-таю телеграфӣ, посилкаю бандролҳоеро, ки барои тайёрӣ ва гуза-ронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил фиристода мешаванд, таъмин менамояд;

- дар давраи гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 дар доираи имкониятҳои мавҷудаи техникӣ ба муштариён фиристодани смс-паёмҳои ройгони хаттӣ ё овозӣ оид ба корҳои оммавӣ-ташвиқотии барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, ки мазмуни он аз тарафи Сарраёсати Агентии омори назди Прези-денти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд пешниҳод карда ме-шавад, таъмин намояд;

- дар давраи солҳои 2017-2023 гуфтугӯҳои телефонии байнишаҳрӣ вобаста ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва таҳияи маводи ҷамъбастии онро ба категорияи гуфтугӯҳои рамзӣ мансуб дониста, аз рӯи одии дастрас ҳисоб намояд.

9. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 таъмин намудани шуъбаҳои рӯйхатгирӣ ва қитъаҳои дастурдиҳиро бо биноҳои (утоққҳои) корӣ ба уҳда мегирад;

- кормандони муваққатиро барои гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020 ҷалб менамояд;

- дар ҷойҳои аҳолинишини зич дар давраи барӯйхатгирии аҳолӣ гузаронидани корҳои оммавӣ-ташвиқотӣ ва гузоштани овезаҳо ва маводҳо доир ба оғоз ва иштирок дар маъракаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили соли 2020-ро амалӣ месозад.

10. Шахсоне, ки ба ҳайати кормандони муваққатии барӯйхат-гирии аҳолӣ ҷалб карда мешаванд, аз ҷониби мақомоти омори ма-ҳаллӣ бо барномаи барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил омӯзони-да мешаванд.

11. Ба ҳайати кормандони муваққатӣ аз рӯи меъёри сарбории зерин муқаррар карда мешавад:

- ба бақайдгирандагон барои тартиб додани рӯйхати хонаҳо, мазилҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳаҳои калон- 45 хона дар як шабо-нарӯз;

- ба ҳисобчиён 380 нафар дар тамоми давраи барӯйхатгирӣ;

- ба дастурдиҳанда-назоратчии барӯйхатгирӣ ба кори 4-6 ҳи-собчӣ роҳбарӣ мекунад;

- ба шуъбаҳои барӯйхатгирии 7-9 қитъаи дастурдиҳӣ дохил кар-да мешавад;

12. Шахсоне, ки ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ҷалб карда мешаванд, аз ҷойи кори асосиашон дар корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо муваққатан ба муҳлатҳои зерин озод карда мешаванд;

- бақайдгирандагон барои тартиб додани рӯйхатҳои хонаҳо дар маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳаҳои калон- 15 рӯз;

- ҳисобчиён – 20 рӯз;

- дастурдиҳандаҳо-назоратчиён- 31 рӯз;

- мудирони шуъбаҳои барӯйхатгирӣ ва ёрдамчиёни онҳо- 58 рӯз;

13. Ба шахсоне, ки ба чорабиниҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ҷалб карда мешаванд, музди меҳнати ҳисобчиён ва бақайдгирандагон аз рӯи музди миёнаи моҳонаи меҳнат дар соҳаи иқтисодиёт як сол пеш аз баргузории барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил бо назардошти рӯзҳои тақвимии корӣ дар тамоми давраи ҷалбгардида муқаррар карда мешавад. Бо назардошти сарборӣ, музди меҳнати дастурдиҳандагон-назоратчиён ба андозаи 30 фоиз, муовини сардори шуъбаҳои барӯйхатгирӣ ба андозаи 60 фоиз, сардорони шуъбаҳои барӯйхатгирӣ ба андозаи 80 фоиз зиёдтар аз музди меҳнати ҳисобчиён ва бақайдгирандагон муқаррар карда мешавад.

14. Музди меҳнати миёнаи кормандони муваққатие, ки ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил ҷалб карда мешаванд (аз ҷумла мукофотпулиҳое, ки ба фонди музди меҳ-нат ва фонди ҳавасмандгардонии моддӣ дохил мешаванд) дар ҷои кори асосиашон нигоҳ дошта мешавад.